**Парки технологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Парки технологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд ПТ ДМТ) бо фармоиши Ректори ДМТ аз санаи 06.01.с.2011, № 8-09 Парки технологӣ таъсис дода шуд. Бо қарори Шӯрои олимони ДМТ аз 09.10.с.2015 таҳти протоколи №1 Оинномаи Парки технологии ДМТ, аз аз 14 октябри соли 2016 Низомномаи Шӯрои машваратии ПТ ДМТ тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шудааст. Ҷиҳати пешбурди минбаъдаи фаъолият ПТ ДМТ ҳуҷҷатҳои зеринро дар давраи фаъолият ба даст овардааст: -аз 21 июли соли 2011, Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ;- аз 21.01.2011. №0110012146 Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии ПТ ДМТ;-Гувоҳномаи силсилаи №01/008599 дар бораи додани рақами мушаххаси андоз супоранда; -аз 27.01.с.2011 №18 ВЦ-11/97 Маълумотнома дар бораи дар реестри давлатии корхонаҳо ва ташкилоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ПТ ДМТ дар ҳудуди бинои донишгоҳ ҷойгир шуда аз 4 утоқи корӣ: -утоқи бахши дарсҳои фосилавӣ; -толори қайди ҳуҷҷатҳои факултаҳои донишгоҳ оид ба дарсҳои фосилавӣ; - сехи гиёҳ-чой (дар таҳхона) дар масоҳати ҳ 72м$^2$; - озмоишгоҳи ороиши сангҳо дар масоҳати 170м$^2$ иборат аст.

ПТ ДМТ шахси ҳуқуқӣ ва худмаблағгузор буда дар он чор нафар кормандон, директор, сармуҳосиб, сармутахассис ва мутахассис фаъолият менамоянд. Дар ҳолати зиёд шудани ҳаҷми кор аз тарафи ПТ ДМТ мутахассисони соҳаҳои гуногуни донишгоҳ тариқи шартнома ба кор ҷалб карда мешаванд.

Соли 2016 аз ҷониби муассиси ПТ, ДМТ 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ барои фаъолияти минбаъдаи ПТ маблағ ҷудо карда шудааст.

ПТ ДМТ дар ҳамкорӣ бо Маркази биотехнологияи ДМТ (дар шаҳри Ваҳдат) дар 5,10 гектар замин тадқиқотҳои таълимӣ ва таҷрибавӣ мегузаронад. Дар озмоишгоҳҳо ва замини таҷрибавии ПТ ДМТ донишҷӯёну унвонҷуёни ДМТ мунтазам корҳои тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ мегузаронанд.

Бо мақсади дарёфт ва ҷалби намудани ҷавонон ба фаъолияти ихтироъкорӣ ва баланд бардоштани фаъолияти илмию инноватсионии хонандагони литсей, донишҷӯён, унвонҷӯён, аспирантон, докторантон ва ҳайати устодону профессорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш» №1 аз 28 январи соли 2020 озмуни корҳои беҳтарини инноватсионӣ эълон гардид.

Озмуни мазкур бо мақсади баланд бардоштани фаъолияти илмиву инноватсионии хонандагони литсей, донишҷӯён, унвонҷӯён, аспирантон, докторантон ва ҳайати устодону профессорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, таҳвият додани омодагии касбии онҳо бо назардошти талаботи бозор ва афзун намудани потенсиали ДМТ, инчунин ҷалб намудани ҷавонон ба ҳалли масоили рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Ба озмун корҳо аз рӯи самтҳо ва равияҳои зерин қабул карда шуданд:

- лоиҳаҳои амалӣ дар заминаи технологияи муосир;
- модернизатсияи (навсозии) ашё ва маҳсулоти муқаррарӣ;
- лоиҳаҳои амалӣ дар сарулибоси миллӣ, ороишот ва ашёи маишӣ;
- технологияи иттилоотиву иртиботӣ.

Низомнома оид ба гузаронидани озмуни “Ихтирокорони ҷавон” бо қарори Шӯрои олимони ДМТ аз 9 марти соли 2013, № 08 тасдиқ шудааст.

Ҳамчунин аз ҷониби ПТ ДМТ як қатор либосҳои миллии занона аз матоъҳои атлас ва чакан дӯхта шуда маводҳои фаъоли биологӣ: бобуна (ромашка), барги газанда (листья крапива), алафи чойкаҳак (трава зверабоя), меваи настаран (шиповник) истеҳсол карда шудааст.

1. Бо дархости Раёсати таълими ДМТ, моҳи январи соли 2018 ПТ ДМТ барои дар амал ҷорӣ намудани зерсистемаи “Дарсҳои фосилавӣ барои донишҷӯёни шуъбаи

ғоибона” супориш гирифт ва барои иҷрои он гуруҳи корӣ иборат аз 8 (ҳашт) нафар бо қарордоди меҳнатӣ ба кор қабул намуд. Дар муҳлати кутоҳтарин аз ҷониби гуруҳи корӣ 8 (ҳашт) адад зерсистемаҳо дар манбаи НТФ Moodle аз ҷониби НИ “Раванди таълим”сохта шуда, мавриди истифода қарор дода шуд. Инчунин “Барномаи антиплагиати донишҷӯён ва магистрҳо”, “Озмоишгоҳи ороиши сангҳо” (дар таҳхонаи факултети геология) кор ва фаъолият менамояд. Дар технопарк технологияҳои инноватсионӣ ба монанди: дастгоҳҳо барои тайёркунии гиёҳ чой, дастгоҳ барои санг майда кунӣ, дастгоҳи ороиши сангҳова дастгоҳи буриши сангҳо ҳастанд.

Барномаи акселератсиони дар технопарк таъсис дода шудааст.(Иҷозатнома АУ №002300 аз Вазорати маориф ва илми ҶТ, оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмӣ-истеҳсолӣ дар соҳаи таҳқиқотӣ илмӣ, технологӣ, инноватсионӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддат)

Дастовардҳои кормандони ПТ ДМТ дар намоишгоҳои ҷашнӣ, чорабиниҳои тантанавии дохилии ДМТ ва сатҳи ҷумҳуриявӣ борҳо ба намоиш гузошта шуда, аз ҷониби ҳайати ҳакамон ва меҳмонон баҳои баланд дода шудаанд.

Аз рӯи тақсимоти нақшавии ДМТ оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ донишҷӯёни факултаҳои гуногуни Донишгоҳ мунтазам дар сохторҳои гуногуни ПТ аз таҷрибаомузӣ мегузаранд. Оид ба фаъолияти навоварӣ, ихтироъкорӣ ва инноватсионӣ аз ҷониби кормандони ПТ ДМТ мунтазам дар барномаҳои телевизионӣ баромад, намуда ҷиҳати рушди соҳа корҳои тарғиботию ташвиқотӣ гузаронидаанд.

Мушкилиҳои ҷойдошта дар фаъолияти технопарк ин набудани маблағи аввала барои таъсиси фаъолияти инноватсионӣ, пардохти ҳама намуди андозҳо.